# العقيدة الصحيحة وما يضادها

# Ақидаи дуруст ва мухолифи он

# Ақидаи дуруст ва мухолифи он

Таълиф

Аллома Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз

Ба номи Худованди Бахшандаи Меҳрубон

## Муқаддима

Ҳамду ситоиш барои Аллоҳи якто ва дуруду салом бар касе, ки баъд аз ӯ паёмбаре нест ва бар хонадону асҳобаш бод.

Аммо баъд:

Чун эътиқоди дуруст пояи дин ва пояи имон аст, фикр кардам, ки ин мавзуи дарс бошад. Аз далелҳои шаръии Қуръону Суннат маълум аст, ки амалҳо ва суханҳо дар сурате дуруст ва қобили қабул ҳастанд, ки аз эътиқоди дуруст сарчашма гиранд. Пас, агар эътиқод нодуруст бошад, ҳама амалҳо ва суханҳое, ки аз он сарчашма мегирад, ботил аст. Чунончи, Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿الْيَوْمَ أُحِلَّ لَكُمُ الطَّيِّبَاتُ وَطَعَامُ الَّذِينَ أُوتُوا الْكِتَابَ حِلٌّ لَكُمْ وَطَعَامُكُمْ حِلٌّ لَهُمْ وَالْمُحْصَنَاتُ مِنَ الْمُؤْمِنَاتِ وَالْمُحْصَنَاتُ مِنَ الَّذِينَ أُوتُوا الْكِتَابَ مِنْ قَبْلِكُمْ إِذَا آتَيْتُمُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ مُحْصِنِينَ غَيْرَ مُسَافِحِينَ وَلَا مُتَّخِذِي أَخْدَانٍ وَمَنْ يَكْفُرْ بِالْإِيمَانِ فَقَدْ حَبِطَ عَمَلُهُ وَهُوَ فِي الْآخِرَةِ مِنَ الْخَاسِرِينَ٥﴾

([Эй мусулмонон] Имрӯз хӯрокҳои покиза бароятон ҳалол шудааст ва [забоиҳу] ғизои аҳли китоб барои шумо ҳалол аст ва ғизои шумо [низ] барои онон ҳалол аст ва [ҳамчунин издивоҷ бо] занони покдомани мусулмон ва

занони покдоман аз [аҳли китоб, яъне] касоне, ки пеш аз шумо ба онон китоб [-и осмонӣ] дода шудааст [ҳалол мебошад], ба шарти он ки маҳрияҳоиононро бипардозед, дар ҳоле ки худ покдоман бошед, на зинокор бошед ва на [занонро] пинҳонӣ ба дӯстӣ бигиред. Ва ҳар ки ба [аркони] имон куфр биварзад, ҳатман, амалаш табоҳ шудааст ва дар охират аз зиёндидагон хоҳад буд.) (Сураи Моида, ояти 5).
Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَقَدْ أُوحِيَ إِلَيْكَ وَإِلَى الَّذِينَ مِنْ قَبْلِكَ لَئِنْ أَشْرَكْتَ لَيَحْبَطَنَّ عَمَلُكَ وَلَتَكُونَنَّ مِنَ الْخَاسِرِينَ٦٥﴾

(Ба ту ва паёмбарони пеш аз ту ваҳй шудааст, ки: «Агар ширк биварзӣ, [подоши] корҳоят, қатъан, барбод хоҳад рафт ва зиёнкор хоҳӣ шуд.) (Сураи Зумар, ояти 65). Дар ин бора оятҳои зиёде мавҷуд аст, китоби ошкорбаёни Аллоҳ Таъоло ва суннати Паёмбари амин (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) бар ин далолат доранд, ки эътиқоди дуруст хулоса мешавад дар имон ба Аллоҳ ва фариштагонаш ва китобҳои Ӯ ва паёмбаронаш ва рӯзи қиёмат ва тақдири нек ва бад. Ин умури шашгона усули ақидаи дурусте аст, ки китоби Аллоҳ Таъоло бар он нозил шуда ва Аллоҳ Таъоло бар он паёмбараш Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)-ро фиристодааст. Ва ҳар он чизе, ки дар умури ғайбӣ бояд бовар кард ва ҳар чизе, ки Худо ва Расули Ӯ (Саллалоҳу

алайҳи ва саллам) ба мо хабар додаанд, аз ин асосҳо сарчашма мегиранд. Далоили ин шаш асл дар Китобу Суннат фаровон аст. Аз он ҷумла, сухани Аллоҳ Таъоло, ки мефармояд:

﴿لَيْسَ الْبِرَّ أَنْ تُوَلُّوا وُجُوهَكُمْ قِبَلَ الْمَشْرِقِ وَالْمَغْرِبِ وَلَكِنَّ الْبِرَّ مَنْ آمَنَ بِاللَّهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ وَالْمَلَائِكَةِ وَالْكِتَابِ وَالنَّبِيِّينَ﴾

(Некӣ [фақат] ин нест, ки [барои намоз] рӯйи худро ба сӯйи машриқ ва [ё] мағриб кунед, балки некӣ [рафтори] он касе аст, ки ба Аллоҳ Таъоло ва рӯзи қиёмат ва фариштагону китоби [осмонӣ] ва паёмбарон имон оварда бошад.) (Сураи Бақара, ояти 177). Ва инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿آمَنَ الرَّسُولُ بِمَا أُنْزِلَ إِلَيْهِ مِنْ رَبِّهِ وَالْمُؤْمِنُونَ كُلٌّ آمَنَ بِاللَّهِ وَمَلَائِكَتِهِ وَكُتُبِهِ وَرُسُلِهِ لَا نُفَرِّقُ بَيْنَ أَحَدٍ مِنْ رُسُلِهِ﴾

(Расул [-и Аллоҳ Таъоло] ба он чи аз [сӯйи] Парвардигораш бар ӯ нозил шуда, имон овардааст ва муъминон [низ] ҳамагӣ ба Аллоҳ Таъоло ва фариштагону китобҳо ва паёмбаронаш имон овардаанд;) (Сураи Бақара, ояти 285). Ва дар ояти дигар Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا آمِنُوا بِاللَّهِ وَرَسُولِهِ وَالْكِتَابِ الَّذِي نَزَّلَ عَلَى رَسُولِهِ وَالْكِتَابِ الَّذِي أَنْزَلَ مِنْ قَبْلُ وَمَنْ يَكْفُرْ بِاللَّهِ وَمَلَائِكَتِهِ وَكُتُبِهِ وَرُسُلِهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ فَقَدْ ضَلَّ ضَلَالًا بَعِيدًا١٣٦﴾

(Эй касоне, ки имон овардаед, ба Аллоҳ Таъоло ва паёмбараш ва китобе, ки бар ӯ нозил кардааст ва [ба ҳар] китобе, ки пеш аз ин

фиристодааст, имон биёваред [ва бар он пойдор бошед] ва ҳар, ки ба Аллоҳ Таъоло ва фариштагони Ӯ ва китобҳову паёмбаронаш ва рӯзи қиёмат куфр биварзад, бе тардид, дар гумроҳии дуру дарозе афтодааст.) (Сураи Нисо, ояти 136). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿أَلَمْ تَعْلَمْ أَنَّ اللَّهَ يَعْلَمُ مَا فِي السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ إِنَّ ذَلِكَ فِي كِتَابٍ إِنَّ ذَلِكَ عَلَى اللَّهِ يَسِيرٌ ٧٠﴾

(Оё надонистаӣ, ки Аллоҳ Таъоло он чиро дар осмон ва замин аст медонад? Бе гумон [ҳамаи] инҳо дар китобе [сабт] аст. Мусалламан, ин [кор] бар Аллоҳ Таъоло осон аст.) (Сураи Ҳаҷ, ояти 70). Аммо ҳадисҳои саҳеҳ, ки далолат бар ин асосҳо мекунанд, бениҳоят зиёданд, Аз ҷумла, ҳадиси машҳуре, ки Муслим дар Саҳеҳаш аз ҳадиси Амирул-муъминин Умар ибни Хаттоб (разияллоҳу анҳу) ривоят кардааст, ки Ҷабраил (Алайҳи-с-салом) Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)-ро аз имон пурсид, Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«الإيمان أن تؤمن بالله، وملائكته وكتبه ورسله واليوم الآخر وتؤمن بالقدر خيره وشره» الحديث،

"Имон, яъне бовар доштан ба Аллоҳ ва фариштагонаш ва китобҳояш ва паёмбаронаш ва рӯзи охират ва имон биёварӣ ба тақдири

некӣ ва бадиаш" (1) (Ҳадис)[1] Ин ҳадисро Шайхайн аз ҳадиси Абуҳурайра ривоят кардаанд. Ва ин асосҳои шашгона, ҳама мавридҳое, ки бояд мусалмон дар робита ба Аллоҳ Таъоло ва умури охират ва дигар умури ғайбӣ бояд имон дошта бошад, аз онҳо шоха мегиранд.

## Имон ба Аллоҳ Таъоло

Имон ба ин ки Аллоҳ танҳо маъбуди барҳақ ва сазовори ибодат аст ва ҳеҷ касе ҷуз Ӯ ин шоистагиро надорад.

Аз лавозими имон ба Аллоҳ, имон ва бовар кардан ба он аст, ки Ӯ маъбуди барҳақ ва шоистаи ибодат аст ва ҳеҷ касе ҷуз Ӯ ин шоистагиро надорад. Зеро Ӯ Офаридгори бандагон ва касе аст, ки ба онон некӣ мекунад ва ононро ризқу рӯзӣ медиҳад ва донандаи ниҳону ошкори онон аст ва қодир ба подош додани фармонбардор ва ҷазо додани гунаҳкорон аст. Барои ин ибодат инсонҳо ва ҷиниёнро офарид ва онҳоро амр кард, ки Ӯро ибодат кунанд. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنْسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ٥٦﴾

[1] Муслим, Имон (8), Тирмизӣ, Имон (2610), Насоӣ, Имон ва шароиъуҳу (4990), Абудовуд, Суннат (4695), Ибни Моҷаҳ, Муқаддима (63), Аҳмад (1/27).

(Ва ҷинну инсро фақат барои ин офаридам, ки Маро ибодат кунанд [ва аз бандагии дигарон сар боз зананд.]) (Сураи Зориёт, ояти 56).

﴿مَا أُرِيدُ مِنْهُمْ مِنْ رِزْقٍ وَمَا أُرِيدُ أَنْ يُطْعِمُونِ٥٧﴾

(На аз онон рӯзӣ мехоҳам, на ин ки Маро хӯрок диҳанд). (Сураи Зориёт, ояти 57).

﴿إِنَّ اللَّهَ هُوَ الرَّزَّاقُ ذُو الْقُوَّةِ الْمَتِينُ٥٨﴾

([Зеро] Аллоҳ Таъоло аст, ки рӯзирасони неруманд ва барқарор аст). (Сураи Зориёт, ояти 58). Ва Аллоҳ Субҳонаҳу мефармояд:

﴿يَا أَيُّهَا النَّاسُ اعْبُدُوا رَبَّكُمُ الَّذِي خَلَقَكُمْ وَالَّذِينَ مِنْ قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ٢١﴾

(Эй мардум, Парвардигори худро парастиш кунед; он касе, ки шумо ва пешиниёни шуморо офарид. Бошад, ки парҳезгор шавед.) (Сураи Бақара, ояти 21).

﴿الَّذِي جَعَلَ لَكُمُ الْأَرْضَ فِرَاشًا وَالسَّمَاءَ بِنَاءً وَأَنْزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً فَأَخْرَجَ بِهِ مِنَ الثَّمَرَاتِ رِزْقًا لَكُمْ فَلَا تَجْعَلُوا لِلَّهِ أَنْدَادًا وَأَنْتُمْ تَعْلَمُونَ٢٢﴾

(Он, ки заминро барои шумо бигустурд ва осмонро [ҳамчун сақфе] болои саратон қарор дод ва аз осмон обе фурӯ фиристод ва ба василаи он анвои меваҳоро ба вуҷуд овард, то рӯзии шумо бошад. Бинобар ин барои Аллоҳ Таъоло ҳамтоёне қарор надиҳед, дар ҳоле ки [ҳақиқатро] медонед.) (Сураи Бақара, ояти 22). Аллоҳ Таъоло паёмбаронро фиристод ва китобҳоро нозил кард, то ин ҳақиқатро баён кунанд ва ба сӯи он даъват кунанд ва аз он чи

хилофи он бошад, ҳушдор диҳанд. Чунончи, Аллоҳ Таъоло фармудааст:

﴿وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَسُولًا أَنِ اعْبُدُوا اللَّهَ وَاجْتَنِبُوا الطَّاغُوتَ﴾

(Яқинан, Мо дар ҳар уммате паёмбареро [бо ин паём] барангехтем, ки: «Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут [маъбудони ғайри Аллоҳ Таъоло] дурӣ кунед».) (Сураи Наҳл, ояти 36). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَمَا أَرْسَلْنَا مِنْ قَبْلِكَ مِنْ رَسُولٍ إِلَّا نُوحِي إِلَيْهِ أَنَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنَا فَاعْبُدُونِ٢٥﴾

(Ва Мо пеш аз ту ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳй кардем, ки [ба мардум бигӯяд]: «Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ман нест, пас, танҳо Маро бипарастед.») (Сураи Анбиё, ояти 25). Худованди Азза ва Ҷалла мефармояд:

﴿الر كِتَابٌ أُحْكِمَتْ آيَاتُهُ ثُمَّ فُصِّلَتْ مِنْ لَدُنْ حَكِيمٍ خَبِيرٍ ١ أَلَّا تَعْبُدُوا إِلَّا اللَّهَ إِنَّنِي لَكُمْ مِنْهُ نَذِيرٌ وَبَشِيرٌ ٢﴾

(Алиф, лом, ро. Ин [Қуръон] китобест, ки оёти он истеҳком ёфтааст ва сипас аз ҷониби ҳакими огоҳ ба равшанӣ баён шудааст 1

[Паёми Паёмбар ин аст] Ки ҷуз Аллоҳро напарастед, [ки] бе тардид, ман аз сӯйи Ӯ бароятон бимдиҳанда ва башоратгар ҳастам 2). (Сураи Ҳуд, оятҳои 1-2). Моҳияти аслии ин ибодат, ягона шумурдани Аллоҳ Таъоло дар баробари ҳама ибодатҳое аст, ки банда барои Аллоҳ анҷом медиҳад, аз ҷумла: дуо, тарс, умед, намоз, рӯза, забҳ, назр ва дигар навъҳои ибодат

аз рӯи таслим, рағбат, тарс бо муҳаббати комил ба Ӯ ва фурӯтанӣ дар баробари бузургии Ӯст. Ва аксари Қуръони Карим дар бораи ин асли бузург нозил шудааст, монанди ин фармудаи Аллоҳ Таъоло:

﴿فَاعْبُدِ اللَّهَ مُخْلِصًا لَّهُ الدِّينَ ٢ أَلَا لِلَّهِ الدِّينُ الْخَالِصُ﴾

(пас, Аллоҳро бо хулуси эътиқод парастиш кун 2)

Огоҳ бошед, ки дини холис [ва холӣ аз ширк] аз они Аллоҳ Таъоло аст.) (Сураи Зумар, ояти 2-3). Худованд мефармояд:

﴿وَقَضَىٰ رَبُّكَ أَلَّا تَعْبُدُوٓاْ﴾

(Ва Парвардигорат чунин фармон додааст, ки: «Ҷуз Ӯро напарастед). (Сураи Исро, ояти 23). Худованд мефармояд:

﴿فَادْعُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ وَلَوْ كَرِهَ الْكَافِرُونَ ١٤﴾

([Танҳо] Аллоҳро бо хулуси эътиқод бихонед, ҳарчанд кофирон нохушнуд бошанд.) (Сураи Ғофир, ояти 14). Ва дар Саҳеҳайн аз Муоз (разияллоҳу анҳу) аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ривоят аст, ки фармуданд:

«حق الله على العباد أن يعبدوه ولا يشركوا به شيئا»[2].

"Ҳаққи Аллоҳ Таъоло бар бандагонаш ин аст, ки танҳо Ӯро ибодат кунанд ва касеро бо Ӯ шарик қарор надиҳанд." (2)[1]

[1] Бухорӣ, Ҷиҳод ва сияр (2701), Муслим, Имон (30), Тирмизӣ, Имон (2643), Ибни Моҷаҳ, Зуҳд (4296), Аҳмад (5/238).

Имон овардан ба ҳама чизҳое, ки Худованд бар бандагонаш воҷиб ва фарз намудааст, аз ҷумла, аркони панҷгонаи зоҳирии ислом.

Аз ҷумлаи имон ба Аллоҳ, имон овардан ба ҳама чизҳоест, ки Худованд бар бандагонаш воҷиб ва фарз намудааст. Аз ҷумла, аркони панҷгонаи зоҳирии ислом, ки он: Гувоҳӣ додан ба ин ки нест маъбуди ба ҳақ, магар Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фиристодаи Аллоҳ аст. Ва инчунин барпо доштани намоз, додани закот, рӯза гирифтани моҳи Рамазон ва ҳаҷҷи байтуллоҳ барои касе, ки иститоат дорад, аст. Ва дигар фаризаҳое, ки шариати поки Ислом овардааст.

Муҳимтарин ва бузургтарини ин рукнҳо гувоҳӣ додан бар ин аст, ки нест маъбуди ба ҳақ, ҷуз Аллоҳ Таъоло ва ин ки Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст. Ин гувоҳӣ тақозо мекунад, ки ибодат танҳо барои Аллоҳи ягона ва нафйи он аз дигарон бошад. Ва ин маънои "Ло илоҳа илло Аллоҳ" аст, ва маънояш ин аст, ки ҳеҷ маъбуди ба ҳақ нест ҷуз Аллоҳи ягона. Ҳар чизе, ки ғайр аз Аллоҳ Таъоло ибодат карда мешавад, аз инсон, фаришта, ҷин, ё ғайри онҳо, ҳамаашон маъбуди ботил ҳастанд. Маъбуди ба ҳақ танҳо Аллоҳи ягона аст. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿ذَلِكَ بِأَنَّ اللَّهَ هُوَ الْحَقُّ وَأَنَّ مَا يَدْعُونَ مِنْ دُونِهِ هُوَ الْبَاطِلُ﴾

(Ин бад-он сабаб аст, ки Аллоҳ Таъоло ҳақ аст ва он чиро, ки [мушрикон] ҷуз ӯ мехонанд, [ҳама] ботил аст). (Сураи Ҳаҷ, ояти 62). Ва пештар баён шуд, ки Аллоҳ Таъоло инсу ҷинро барои ин асли асос офарида, онҳоро ба пойбандӣ ба он амр фармуд ва паёмбаронашро фиристод ва китобҳояшро барои он нозил кард. Пас, дар ин бора хуб биандешед ва амиқ дар борааш фикр кунед, то дар ёбед, ки имрӯз чӣ гуна мусалмонон нисбат ба ин асли бузург ҷоҳил ҳастанд, то ҷое, ки ҳамроҳи Аллоҳ Таъоло ғайри Ӯро ибодат мекунанд ва ҳаққи холиси Ӯро ба дигарон додаанд. Худованд ёридиҳанда аст.

Имон ба ин ки Аллоҳ Таъоло Офаридгори олам ва Тадбиркунандаи умури онон ва касе аст, ки дар миёни онҳо бо илму қудрати Худ тасарруф мекунад.

Аз талаботи имон ба Аллоҳ Таъоло, ин имон овардан ба ин, ки Аллоҳ Таъоло Офаридгори олам ва Тадбиркунандаи умури онон ва касе аст, ки дар миёни онҳо бо илму қудрати Худ чӣ гунае, ки бихоҳад тасарруф мекунад. Ва ин ки Ӯ Молики дунё ва охират ва Парвардигори ҳамаи ҷаҳониён аст. Ҳеҷ Офаридгоре ва Парвардигоре ҷуз Ӯ нест. Ва ин ки Ӯ паёмбаронро фиристод ва китобҳоро нозил кард, барои ислоҳи бандагонаш ва барои даъвати онҳо ба сӯи чизе, ки салоҳи дунё ва охирати онҳоро дар бар гирифтааст. Ва Аллоҳ Таъоло дар ҳамаи ин

чизҳо ҳеҷ шарике надорад, ҳамон гуна ки мефармояд:

﴿اللَّهُ خَالِقُ كُلِّ شَيْءٍ وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ وَكِيلٌ٦٢﴾

(Аллоҳ Таъоло офаридгори ҳар чизест ва Ӯ бар ҳама чиз [нигаҳбону] корсоз аст). (Сураи Зумар, ояти 62). Низ дар ҷои дигар мефармояд:

﴿إِنَّ رَبَّكُمُ اللَّهُ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ يُغْشِي اللَّيْلَ النَّهَارَ يَطْلُبُهُ حَثِيثًا وَالشَّمْسَ وَالْقَمَرَ وَالنُّجُومَ مُسَخَّرَاتٍ بِأَمْرِهِ أَلَا لَهُ الْخَلْقُ وَالْأَمْرُ تَبَارَكَ اللَّهُ رَبُّ الْعَالَمِينَ٥٤﴾

([Эй мардум] Бе гумон, Парвардигори шумо Аллоҳ Таъоло аст, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш қарор гирифт. [Торикии] Шабро бо [рӯшноии] рӯз мепӯшонад, ки [ҳаряки] он [дигаре]-ро шитобон меҷӯяд ва хуршеду моҳ ва ситорагонро [падид овард], ки [ҳамагӣ] ба фармони Ӯ ба хидмат [-иинсон] гумошта шудаанд. Огоҳ бошед! Офариниш ва фармонравоӣ аз они Ӯст. Пурбаракат [-у бузург] аст Аллоҳ Таъолое, ки Парвардигори ҷаҳониён аст). (Сураи Аъроф, ояти 54).

Имон ба номҳои зебо ва сифатҳои волои Аллоҳ Таъоло, бидуни таҳриф, таътил, кайфият қоил шуда ва тамсил кардан.

Аз талаботи имон ба Аллоҳ Таъоло, имон овардан ба номҳои зебо ва сифатҳои волои Ӯст, ки ба воситаи Қуръони Карим ва суннати паёмбари аминаш собит шудааст. Ва ин имон бояд бидуни таҳриф кардан, таътил намудан,

кайфият қоил шудан ва тамсил кардан бошад. Балки воҷиб аст, чунон ки дар матнҳо ворид шудааст, ҳамон гуна аз онҳо убур кард ва бидуни қоил шудан ба кайфияти он, бо имон овардан ба маъонии бузурге, ки он далолат мекунад, ки сифатҳои Аллоҳ Азза ва Ҷалла аст. Ҳамчунин воҷиб аст он гуна, ки лоиқи Аллоҳ Таъоло аст, Ӯро васф кунем, бидуни ташбиҳи Ӯ бо махлуқоташ дар чизе аз сифатҳояш. Ҳамонгуна, ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿لَيْسَ كَمِثْلِهِ شَيْءٌ ۖ وَهُوَ السَّمِيعُ الْبَصِيرُ﴾

(Ҳеҷ чиз ҳаммонанди Аллоҳ Таъоло нест ва Ӯ шунаво ва биност). (Сураи Шуро, ояти 11). Ва Аллоҳ Азза ва Ҷалла мефармояд:

﴿فَلَا تَضْرِبُوا لِلَّهِ الْأَمْثَالَ ۚ إِنَّ اللَّهَ يَعْلَمُ وَأَنْتُمْ لَا تَعْلَمُونَ ٧٤﴾

(Пас, барои Аллоҳ Таъоло амсол [ва шарикҳое мутааддид] қоил нашавед. Бе тардид, Аллоҳ Таъоло медонад ва шумо намедонед.) (Сураи Наҳл, ояти 74). Ин эътиқоди аҳли суннат ва ҷамоат, аз асҳоби Расули Аллоҳ (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва пайравони солеҳи онҳо аст. Онро Имом Абулҳасани Ашъарӣ (раҳимаҳуллоҳ) дар китоби "Ал-мақолот ъан асҳобил-ҳадис ва аҳли-с-сунна" ривоят кардааст. Ва дигар аҳли илму имон низ онро ривоят кардаанд.

Авзоъӣ (раҳимаҳуллоҳ) мегӯяд: Зуҳрӣ ва Макҳул аз оятҳои сифот пурсида шуданд, онҳо

гуфтанд: Онҳоро чӣ гунае, ки (дар Қуръон ва Суннат) ворид шудааст, бигузаронед. Валид ибни Муслим (раҳимаҳуллоҳ) мегӯяд: Аз Молик, Авзоъӣ, Лайс ибни Саъд ва Суфёни Саврӣ (раҳимаҳумуллоҳ) дар мавриди ривоятҳои воридшуда оиди сифот пурсида шуданд, ҳамаашон гуфтанд: Он сифатҳоро чӣ гунае, ки (дар Қуръон ва Суннат) ворид шудааст, бидуни шарҳи кайфият (чигунагӣ) бигузаронед. Авзоъӣ (раҳимаҳуллоҳ) мегӯяд: Мо ва тобеъин ҳангоме ки сершумор будем, мегуфтем: Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло бар Арши Худ аст ва ба он чи аз сифатҳо дар суннат омадааст, имон дорем. Ва ҳангоме ки аз Рабиъа ибни Абу Абдурраҳмон - устоди Имом Молик (раҳматуллоҳи алайҳимо) дар бораи "истиво" пурсида шуд, гуфт: "Истиво маҷҳул нест, аммо дарки кайфияти он ғайри маъқул аст, рисолат аз ҷониби Аллоҳ аст ва бар Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) расонда шуда ва бар мо тасдиқи он воҷиб аст." Ва ҳангоме ки Имом Молик аз он пурсида шуд, гуфт: "Истиво маълум аст, чигунагии он номаълум ва имон ба он воҷиб ва суол дар бораи он бидъат аст." Сипас ба суолдиҳанда гуфт: Туро ҷуз марди баде намебинам ва амр кард, ӯро берун карданд.

Ва ба ин маъно аз модари муъминон Умми Салама (разияллоҳу анҳо) ривоят шудааст, ки Имом Абу Абдурраҳмон ибни Муборак

(раҳматуллоҳи алайҳи) мегӯяд: (Мо Парвардигори поки худро ин гуна мешиносем, ки дар болои осмонҳо бар Арши Худ ва ҷудо аз махлуқоташ аст). Сухани имомон дар ин мавзуъ хеле зиёд аст, ки наметавон ҳамаи онро дар ин суханронӣ ҷой дод. Аммо ҳар касе мехоҳад назарҳои бештареро дар ин мавзуъ дарёфт кунад, бояд ба китобҳое руҷуъ кунад, ки олимони аҳли суннат дар ин мавзуъ навиштаанд, Аз ҷумла, китоби "Суннат"-и Абдуллоҳ ибни Имом Аҳмад, ва китоби "Тавҳид"- имоми бузургвор, Муҳаммад ибни Хузайма ва китоби "Суннат"-и Абулқосими Лолакоиӣ Табарӣ, китоби "Суннат"-и Абубакр ибни Абуосим ва "Ҷавоби шайхулислом Ибни Таймия ба аҳли Ҳамоҳ (Шаҳре дар Сурияи имрӯза)". Ин як посухи бисёр васеъ ва муфид аст ва ӯ (раҳимаҳуллоҳ) дар ин посухаш эътиқоди аҳли суннатро баён намудааст ва бисёре аз гуфтаҳои онҳоро иқтибос оварда ва далелҳои шаръӣ ва ақлӣ бар дуруст будани гуфтаҳои аҳли суннат ва беэътибор будани гуфтаҳои мухолифонашонро, овардааст. Ҳаминтавр рисолаи дигари ӯ, ки ба номи "Тадмурия" маъруф аст, дар он шарҳи муфассалтаре оиди ин мавзуъ додааст ва ақидаи аҳли суннатро бо далелҳои ақлӣ ва нақлӣ баён намуда, ба тавре посухи мухолифонро додааст, ки ҳақро ошкор намуда, ботилро барои ҳар соҳибилме, ки бо

нияти нек ва барои шинохти ҳақ ба он бингарад, дар ҳам шикаста аст. Ҳар касе, ки дар боби асмо ва сифот бо аҳли суннат мухолифат кунад, ҳатман гирифтори мухолифат бо далелҳои нақлӣ ва ақлӣ  ва таноқузи ошкор дар ҳама мавридҳое хоҳад шуд, ки исбот ва нафйи мекунад.

Аммо аҳли суннат бошад, он чиро, ки Аллоҳ Таъоло дар китоби шарифаш (аз асмо ва сифот) исбот кардааст, ё он чиро, ки Паёмбараш (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) дар суннати саҳеҳаш барои Ӯ исбот кардааст, бидуни тамсил исбот мекунанд. Ва Худовандро аз мушобиҳот ва ҳаммонандӣ бо махлуқоташ муназзаҳ ва пок донистаанд. Ба гунае ки аз инкори сифот дур бошанд. Ҳамин тавр аз таноқузот дар амон монда, ба ҳамаи далелҳо амал карданд. Ва ин роҳи Аллоҳ Таъоло барои касоне аст, ки ба ҳаққе, ки паёмбаронашро ба он фиристодааст, пойбандӣ мекунанд ва дар талаби он тамоми талоши худро ба харҷ медиҳанд ва дар ҷустуҷуи Аллоҳ ихлос мекунанд, то ононро тавфиқ диҳад ва ба сӯи ҳақ ҳидоят кунад ва барояшон ҳуҷҷати Худро ошкору равшан баён кунад. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿بَلْ نَقْذِفُ بِالْحَقِّ عَلَى الْبَاطِلِ فَيَدْمَغُهُ فَإِذَا هُوَ زَاهِقٌ﴾

(Балки Мо ҳақро бар ботил меафканем, пас, онро дар ҳам мешиканад ва ногоҳ он [ботил]

нобуд мешавад.) (Сураи Анбиё, ояти 18). Дар ҷои дигар мефармояд:

﴿وَلَا يَأْتُونَكَ بِمَثَلٍ إِلَّا جِئْنَاكَ بِالْحَقِّ وَأَحْسَنَ تَفْسِيرًا٣٣﴾

(Ва [кофирон] ҳеҷ [эътирозу] масале бароят намеоваранд, магар он ки Мо [низ посухе] бар ҳақ ва хушбаёнтар бароят меоварем.) (Сураи Фурқон, ояти 33). Ҳофиз ибни Касир (раҳимаҳуллоҳ) дар тафсири машҳураш ва дар тафсири ин каломи Худованд мефармояд: "[Эй мардум] Бе гумон, Парвардигори шумо Аллоҳ Таъоло аст, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш қарор гирифт." (Сураи Аъроф, ояти 54).

Сухани бисёр зебое дар ин замина гуфтааст, ки ба хотири фоидаи бузурги он шоистаи зикр аст. Ӯ (Худо раҳматаш кунад) мегӯяд: Мардум дар ин бора андешаҳои зиёде доранд, ки инҷо ҷои тафсилоти онҳо нест, балки мо ба равиши гузаштагони нек, монанди Молик, Авзоъӣ, Саврӣ, Ал-Лайс ибни Саъд, Шофеъӣ, Аҳмад ва Исҳоқ ибни Роҳавайҳ ва дигар имомони мусалмонон дар гузашта ва ҳозира, амал мекунем. Ва он ин аст, ки сифоти Худовандро ҳамонтавр, ки дар матн омадааст, бидуни қоил шудан ба чигунагии онҳо, монанд кардан ба махлуқот, ё инкор кардан мепазирем. Ва ҳар он чи дар зеҳни ташбеҳгарон нисбат ба Худованд меояд, аз Ӯ нафй мешавад. Зеро Худованд ҳеҷ

шабоҳат ба ҳеҷ махлуқе надорад ва ҳеҷ чизе монанди Ӯ нест ва Ӯ шунаво ва бино аст. Балки чунон аст, ки имомоне чун, Наъим ибни Ҳаммод Ал-Хузоъӣ шайхи Бухорӣ гуфтаанд, ки: "Ҳар касе Аллоҳро ба махлуқоташ ташбеҳ кунад, кофир шудааст ва ҳар касе, он чиро, ки Аллоҳ Худро васф кардааст, инкор кунад, кофир шудааст ва дар он чи Аллоҳ Худро ба он тавсиф намудааст ва паёмбараш Ӯро тавсиф кардааст, ҳеҷ ташбиҳе вуҷуд надорад."

Бинобар ин, ҳар кас он чи дар оятҳои сареҳу ошкор ва ҳадисҳои саҳеҳ омадааст, (аз сифатҳо), барои Аллоҳ, чунон собит бидонад, ки муносиб ва шоистаи Ҷалол ва Бузургии Аллоҳ бошад ва нақсҳоро аз Ӯ дур кунад, роҳи дурустро паймудааст.

## Имон ба фариштагон

Аммо дар бораи имон ба фариштагон:

Имон ба фариштагон имони куллӣ ва тафсилӣ аст. Пас мусалмон имон дорад, ки Аллоҳ фариштаҳое дорад, ки онҳоро барои ибодати Худ халқ кардааст ва онҳоро бандагони гиромӣ тавсиф кардааст, ки ҳаргиз дар сухан гуфтан бар Ӯ пешӣ намегиранд ва (пайваста) ба фармонаш амал мекунанд.

﴿يَعْلَمُ مَا بَيْنَ أَيْدِيهِمْ وَمَا خَلْفَهُمْ وَلَا يَشْفَعُونَ إِلَّا لِمَنِ ارْتَضَى وَهُمْ مِنْ خَشْيَتِهِ مُشْفِقُونَ٢٨﴾

([Аллоҳ Таъоло] Гузашта ва ояндаи ононро медонад ва эшон ҷуз барои касе, ки Ӯ писандадад, шафоат намекунанд ва худ аз бими Ӯ ҳаросонанд.) (Сураи Анбиё, ояти 28). Ва онҳо навъҳои гуногун ва зиёданд, аз ҷумла, бардорандагони Арш, нигаҳбонони биҳишт ва дӯзах, ҳифзи аъмоли бандагон. Мо ба таври муфассал ба фариштагоне, ки Аллоҳ ва паёмбараш аз онҳо ном бурдаанд имон дорем. Аз ҷумла, Ҷабраил, Микоил ва Молик - нигаҳбони дӯзах, Исрофил, ки ба дамидани сур муваззаф аст ва зикри ӯ дар ҳадисҳои саҳеҳ омадааст. Ва дар Саҳеҳ Муслим аз Оиша (разияллоҳу анҳо) собит аст, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«خلقت الـملائكة من نور وخلق الجان من مارج من نار وخلق آدم مما وصف لكم»[3]

"Фариштагон аз нур офарида шудаанд ва ҷинҳо аз шуълаи дурахшони бедуди оташ ва Одам аз он чизе, ки бар шумо васф шудааст, офарида шудааст." (3)[1] Ривояти Муслим дар Саҳеҳаш.

## Имон ба китобҳо

Ва имон ба китобҳои осмонӣ низ чунин аст, ки ба таври умум имон дошта бошад, ки Аллоҳ Таъоло китобҳояшро бар паёмбарон ва расулонаш нозил кардааст, барои баён кардани

[1] Ривояти Муслим дар Зуҳд ва рақоиқ (2996), Аҳмад (6/153).

ҳаққи Худ ва даъват ба сӯи он. Чунонки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿لَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلَنَا بِالْبَيِّنَاتِ وَأَنْزَلْنَا مَعَهُمُ الْكِتَابَ وَالْمِيزَانَ لِيَقُومَ النَّاسُ بِالْقِسْطِ﴾

(Мо паёмбарони хешро бо нишонаҳои равшан фиристодем ва ҳамроҳашон китобу мизон [-и ташхиси ҳақ аз ботил] нозил кардем, то мардум ба адолат бархезанд.) (Сураи Ҳадид, ояти 25). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿كَانَ النَّاسُ أُمَّةً وَاحِدَةً فَبَعَثَ اللَّهُ النَّبِيِّينَ مُبَشِّرِينَ وَمُنْذِرِينَ وَأَنْزَلَ مَعَهُمُ الْكِتَابَ بِالْحَقِّ لِيَحْكُمَ بَيْنَ النَّاسِ فِيمَا اخْتَلَفُوا فِيهِ وَمَا اخْتَلَفَ فِيهِ﴾

([Дар оғоз] мардум як уммат буданд [аммо дар амри дин ихтилоф карданд]; он гоҳ Аллоҳ Таъоло паёмбаронро башоратбахшу бимдиҳанда барангехт ва ҳамроҳ бо онон китоб [-и осмонӣ]-ро ба ҳақ нозил кард, то миёни мардум дар он чи ихтилоф доштанд, доварӣ кунанд;) (Сураи Бақара, ояти 213).

Мо ба таври муфассал ба он китобҳое, ки Аллоҳ Таъоло номбар кардааст имон дорем, монанди, Таврот, Инҷил, Забур, Қуръон ва он беҳтарини онҳо ва хотимадиҳандаи онҳо аст, ки бар онҳо бартарӣ дорад ва онҳоро тасдиқ мекунад. Ва бар тамоми уммат воҷиб аст, ки аз он пайравӣ намуда, бар асоси он ва бо ҳамроҳаш он чи аз суннати саҳеҳи Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ворид шудааст, доварӣ кунанд. Зеро Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло паёмбараш Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва

саллам)-ро паёмрасон барои инсу ҷин қарор додааст ва ин Қуръонро бар ӯ нозил кардааст, то тибқи фармудаҳои он доварӣ кунад ва онро шифое барои он чи дар дилҳост ва баёнгари ҳама чиз ва ҳидояту раҳмат барои муъминон қарор додааст. Чунон ки Аллоҳи Таъоло фармудааст:

﴿وَهَذَا كِتَابٌ أَنْزَلْنَاهُ مُبَارَكٌ فَاتَّبِعُوهُ وَاتَّقُوا لَعَلَّكُمْ تُرْحَمُونَ١٥٥﴾

(Ва ин [Қуръон] ки нозил кардем, китоби пурбаракат аст, аз он пайравӣ кунед ва парво намоед, бошад, ки мавриди раҳмат қарор гиред.) (Сураи Анъом, ояти 155). Ва Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿وَنَزَّلْنَا عَلَيْكَ الْكِتَابَ تِبْيَانًا لِكُلِّ شَيْءٍ وَهُدًى وَرَحْمَةً وَبُشْرَى لِلْمُسْلِمِينَ﴾

(ва Мо ин китоб [Қуръон] - ро бар ту нозил кардем, ки равшангари ҳама чиз аст ва барои мусулмонон раҳнамуд ва раҳмату башорат аст.) (Сураи Наҳл, ояти 89). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿قُلْ يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنِّي رَسُولُ اللَّهِ إِلَيْكُمْ جَمِيعًا الَّذِي لَهُ مُلْكُ السَّمَاوَاتِ
وَالْأَرْضِ لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ يُحْيِي وَيُمِيتُ فَآمِنُوا بِاللَّهِ وَرَسُولِهِ النَّبِيِّ الْأُمِّيِّ الَّذِي
يُؤْمِنُ بِاللَّهِ وَكَلِمَاتِهِ وَاتَّبِعُوهُ لَعَلَّكُمْ تَهْتَدُونَ١٥٨﴾

(Бигӯ: «Эй мардум, ман фиристодаи Аллоҳ Таъоло ба сӯйи ҳамаи шумо ҳастам. Ҳамон [Парвардигоре], ки фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Ӯст, маъбуде [барҳақ] ҷуз Ӯ нест; зинда мекунад ва мемиронад, пас, ба Аллоҳ Таъоло ва фиристодааш – он паёмбари

дарснохондае, ки ба Аллоҳ Таъоло ва суханонаш бовар дорад, имон биёваред ва аз Ӯ пайравӣ кунед, бошад, ки ҳидоят шавед»). (Сураи Аъроф, ояти 158). Ба ин маъно оятҳои зиёде мавҷуд аст.

## Имон ба паёмбарон

Ҳамчунин имон овардан бар паёмбарон ба таври куллӣ ва тафсили воҷиб аст. Мо имон дорем, ки Аллоҳ Таъоло ба сӯи бандагонаш паёмбарони башоратдиҳанда ва бимдиҳанда ва даъваткунанда ба сӯи ҳақ фиристодааст. Пас ҳар ки даъвати ононро пазируфт, саодатманд, хушбахт ва пирӯз мешавад ва ҳар ки аз онҳо мухолифат кард ва даъваташонро напазируфт, пушаймон ва ноумед мешавад. Охирин ва беҳтарини паёмбарон, Паёмбарамон Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) аст. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَسُولًا أَنِ اعْبُدُوا اللَّهَ وَاجْتَنِبُوا الطَّاغُوتَ﴾

(Яқинан, Мо дар ҳар уммате паёмбареро [бо ин паём] барангехтем, ки: «Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут [маъбудони ғайри Аллоҳ Таъоло] дурӣ кунед».) (Сураи Наҳл, ояти 36) Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿رُسُلًا مُبَشِّرِينَ وَمُنْذِرِينَ لِئَلَّا يَكُونَ لِلنَّاسِ عَلَى اللَّهِ حُجَّةٌ بَعْدَ الرُّسُلِ﴾

(Паёмбароне [фиристодем], ки башоратбахшу бимдиҳанда буданд, то барои мардум пас аз [биъсати] паёмбарон дар муқобили Аллоҳ Таъоло [ҳеҷ баҳона ва] ҳуҷҷате

набошад.) (Сураи Нисо, ояти 165). Аллоҳ Таъоло дар ояти дигар мефармояд:

﴿مَا كَانَ مُحَمَّدٌ أَبَا أَحَدٍ مِنْ رِجَالِكُمْ وَلَكِنْ رَسُولَ اللَّهِ وَخَاتَمَ النَّبِيِّينَ﴾

(Муҳаммад ҳаргиз падари ҳеҷ яки аз мардони шумо [аз ҷумла Зайд] нест; балки расули Аллоҳ Таъоло ва хотами паёмбарон аст;) (Сураи Аҳзоб, ояти 40). Ва ҳар касе, ки Аллоҳ Таъоло аз ӯ ҳамчун паёмбар ном бурда бошад, ё аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) собит шуда бошад, ки ӯ паёмбар аст, ба таври тафсилӣ ва мушаххас ба ӯ имон дорем. Ба монанди, Нӯҳ, Ҳуд, Солеҳ, Иброҳим ва дигар паёмбарон. Дуруду саломи Аллоҳ Таъоло бар онҳо ва бар Паёмбарамон бод.

## Имон ба рӯзи қиёмат

Аммо имон ба рӯзи қиёмат:

Имон ба рӯзи қиёмат шомили имон ба ҳамаи он чи Аллоҳ Таъоло ва Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) аз рӯйдодҳои баъд аз марг хабар додаанд, мебошад. Монанди, фитнаи қабр, азоби қабр ва неъматҳо ва он чизе, ки рӯзи қиёмат рух медиҳад аз сахтиҳо ва даҳшатҳо ва гузаштани пул, тарозӯ, ҳисобу подош ва паҳн кардани дафтари аъмол дар байни мардум, ки баъзеҳо ба дасти рост ва баъзеҳо онро ба дасти чап ё аз пушт мегиранд. Инчунин шомили имон овардан ба ҳавзи Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва имон ба биҳишту дӯзах ва дидани

муъминон парвардигорашонро рӯзи қиёмат ва сухан гуфтанаш бо бандагонаш ва дигар чизҳое, ки дар Қуръони Карим ва суннати саҳеҳ аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ворид шудааст, мебошад. Ба ҳамаи инҳо имон овардан ва тасдиқ кардан ба тарзе, ки Аллоҳ Таъоло ва Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) баён намудааст, воҷиб аст.

## Имон ба тақдир

Аммо имон ба тақдир, шомили имон овардан бар чаҳор чиз аст.

Якум: Аллоҳ Таъоло аз он чи буд ва он чи дар оянда мешавад огоҳ аст ва аз аҳволи бандагонаш огоҳ аст. Аз ризқу рӯзӣ, умри онҳо ва амалҳо ва дигар корҳояшон огоҳ аст. Ҳеҷ чиз аз Ӯ пӯшида нест. Чунон ки Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿أَنَّ اللَّهَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ﴾

(... ки Аллоҳ Таъоло ба ҳама чиз доност.) (Сураи Бақара, ояти 231). Ва Аллоҳ Аазза ва Ҷалла мефармояд:

﴿لِتَعْلَمُوا أَنَّ اللَّهَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ وَأَنَّ اللَّهَ قَدْ أَحَاطَ بِكُلِّ شَيْءٍ عِلْمًا﴾

(то бидонед, ки Аллоҳ Таъоло бар ҳар чиз тавоност ва ин ки илми Аллоҳ Таъоло бар ҳама чиз иҳота дорад.) (Сураи Талоқ, ояти 12).

Дуввум: Аллоҳ Таъоло ҳар он чиро, ки тақдир намудааст ва ҳукм кардааст, навиштааст. Чунон ки мефармояд:

﴿قَدْ عَلِمْنَا مَا تَنْقُصُ الْأَرْضُ مِنْهُمْ ۖ وَعِنْدَنَا كِتَابٌ حَفِيظٌ٤﴾

(Бе тардид, зарроте, ки замин аз бадани онон мекоҳад, [ҳамаро] медонем; ва китобе нигоҳбон дар ихтиёр дорем [ки ҳарчи бар онон муқаддар гашта, дар он сабт аст].) (Сураи Қоф, ояти 4). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَكُلَّ شَيْءٍ أَحْصَيْنَاهُ فِي إِمَامٍ مُبِينٍ﴾

(ва ҳама чизро дар Китоби равшан [Лавҳ-ул-маҳфуз] ба шумор овардаем.) (Сураи Ёсин, ояти 12). Ва дар ояти дигар мефармояд:

﴿أَلَمْ تَعْلَمْ أَنَّ اللَّهَ يَعْلَمُ مَا فِي السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ ۗ إِنَّ ذَٰلِكَ فِي كِتَابٍ ۚ إِنَّ ذَٰلِكَ عَلَى اللَّهِ يَسِيرٌ٧٠﴾

(Оё надонистаӣ, ки Аллоҳ Таъоло он чиро дар осмон ва замин аст медонад? Бе гумон [ҳамаи] инҳо дар китобе [сабт] аст. Мусалламан, ин [кор] бар Аллоҳ Таъоло осон аст.) (Сураи Ҳаҷ, ояти 70).

Севум: Имон ба машиат ва иродаи нофизи Аллоҳ Таъоло. Чунон ки ҳар ончи Ӯ бихоҳад мешавад ва ҳар ончи нахоҳад намешавад. Чунон ки Субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿إِنَّ اللَّهَ يَفْعَلُ مَا يَشَاءُ﴾

(Бе тардид, Аллоҳ Таъоло ҳар чи бихоҳад анҷом медиҳад.) (Сураи Ҳаҷ, ояти 18). Ва Аллоҳ Азза ва Ҷалла мефармояд:

﴿إِنَّمَا أَمْرُهُ إِذَا أَرَادَ شَيْئًا أَنْ يَقُولَ لَهُ كُنْ فَيَكُونُ٨٢﴾

(Фармони Ӯ чун чизеро ирода кунад, танҳо ин аст, ки ба он мегӯяд: «Мавҷуд шав»; пас,

[бедиранг] мавҷуд мешавад.) (Сураи Ёсин, ояти 82). Ва Аллоҳ Субҳонаҳу мефармояд:

﴿وَمَا تَشَاءُونَ إِلَّا أَنْ يَشَاءَ اللَّهُ إِنَّ اللَّهَ كَانَ عَلِيمًا حَكِيمًا ٣٠﴾

(Ва шумо чизеро намехоҳед, магар ин ки Аллоҳ Таъоло бихоҳад. Бе гумон, Аллоҳ Таъоло донои ҳаким аст.) (Сураи Инсон, ояти 30).

Чаҳорум: Имон ба ин ки Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло ҳамаи махлуқотро офаридааст. Ҳеҷ офаринандае ҷуз Ӯ нест. Ва ҳеҷ парвардигоре ҷуз Ӯ нест. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿ٱللَّهُ خَٰلِقُ كُلِّ شَيۡءٖۖ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ وَكِيلٞ ٦٢﴾

(Аллоҳ Таъоло офаридгори ҳар чизест ва Ӯ бар ҳама чиз [нигаҳбону] корсоз аст.) (Сураи Зумар, ояти 62). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿يَا أَيُّهَا النَّاسُ اذْكُرُوا نِعْمَتَ اللَّهِ عَلَيْكُمْ هَلْ مِنْ خَالِقٍ غَيْرُ اللَّهِ يَرْزُقُكُمْ مِنَ السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ فَأَنَّى تُؤْفَكُونَ ٣﴾

(Эй мардум, неъмати Аллоҳро бар худ ба ёд оваред. Оё офаринандае ҷуз Аллоҳ Таъоло ҳаст, ки шуморо аз осмон ва замин рӯзӣ диҳад? Ҳеҷ маъбуде ҷуз Ӯ нест. Пас, чи гуна [аз ҳақ] мунҳариф мешавед?) (Сураи Фотир, ояти 3). Имон ба тақдир дар назди аҳли суннат ва ҷамоат ин чаҳор чизро дар бар мегирад. Бар хилофи аҳли бидъат, ки бархе аз ин умурро инкор мекунанд.

## Имон қавл ва амал аст, ки бо тоат зиёд ва бо маъсият кам мешавад.

Аз ҷумлаи имон ба Аллоҳ, ин ки шахс бовар дошта бошад, ки имон гуфтор ва амал аст, бо тоат зиёд ва бо маъсият кам мешавад. Ва мусалмонро барои гуноҳони камтар аз ширк ва куфр, монанди зино, дуздӣ, рибохӯрӣ, арақнӯшӣ, нофармонӣ аз падару модар ва дигар гуноҳони кабира такфир кардан ҷоиз нест, модоме, ки онҳоро ҳалол надонад. Бинобар ин фармудаи Аллоҳ Таъоло:

﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يَغْفِرُ أَنْ يُشْرَكَ بِهِ وَيَغْفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَنْ يَشَاءُ﴾

(Бе гумон, Аллоҳ Таъоло ин гуноҳро, ки ба Ӯ ширк оварда шавад, намебахшад ва ғайр аз онро – барои ҳар ки бихоҳад – мебахшад;) (Сураи Нисо, ояти 48). Инчунин дар ҳадисҳои мутавотир аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ривоят шудааст, ки Худованд ҳар касро, ки дар дилаш ба андозаи донаи хардал имон дошта бошад, аз оташ берун мекунад.

## Муҳаббат ва буғзу бадбинӣ ба хотири Аллоҳ ва дӯстиву душманӣ низ ба хотири Аллоҳ.

Ва аз ҷумлаи имон ба Аллоҳ ин аст:

Муҳаббат кардану бад дидан ба хотири Аллоҳ ва дӯстиву душманӣ низ ба хотири Аллоҳ бошад. Муъмин муъминонро дӯст медорад ва бо

онҳо дӯстӣ мекунад ва душманонро бад мебинад ва бо онон душманӣ мекунад. Ва дар сафи пеши муъминони ин уммат асҳоби Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) қарор доранд. Аҳли суннат ва ҷамоат онҳоро дӯст медоранд ва аз онҳо пуштибонӣ мекунанд ва бар ин бováранд, ки онҳо беҳтарин мардум баъд аз паёмбаронанд. Бар асоси гуфтаи Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам), ки мефармояд:

«خير القرون قرني ثم الذين يلونهم ثم الذين يلونهم»[4]

"Беҳтарини қарнҳо, қарни ман аст, сипас касоне, ки баъд аз онҳо меоянд, ва сипас касоне, ки баъд аз онҳо меоянд." (4)[1] Саҳеҳ будани ин ривоят мавриди иттифоқ аст. Ва бар ин бováранд, ки беҳтарини онҳо Абубакри Сиддиқ, сипас Умари Форуқ, сипас Усмони Зиннурайн, сипас Алӣи Муртазо (разияллоҳу анҳум аҷмаъин) ҳастанд. Сипас боқимондаи даҳ ёри биҳиштӣ, сипас боқимондаи саҳобаҳо (разияллоҳу анҳум аҷмаъин). Дар бораи ихтилофоте, ки байни саҳоба рӯй дод сукут мекунанд ва бар ин бováранд, ки онҳо иҷтиҳод карданд. Пас, кадоме аз онҳо дуруст бошад ду аҷр ва кадоме хато карда бошад, як аҷр мегирад. Муъминон аҳли байти Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)-ро дӯст медоранд ва аз онҳо

---

[1] Бухорӣ, Шаҳодот (2509), Муслим, Фазоили саҳоба (2533), Тирмизӣ, Ал-маноқиб (3859), Ибни Моҷаҳ, Ал-аҳком (2362), Аҳмад (1/434).

пуштибонӣ мекунанд. Ва ҳамсарони Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам), модарони муъминонро дӯст медоранд ва аз онҳо пуштибонӣ мекунанд ва аз ҳамаи онҳо розӣ ҳастанд. Ва аз роҳу равиши рофизиҳо, ки нисбат ба ёрони Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) кина меварзанд ва онҳоро дашном медиҳанд ва дар робита бо аҳли байти Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) зиёдаравӣ намуда, онҳоро аз ҷойгоҳе, ки Худованд ба онон додааст, болотар мебардоранд, эълони бароат мекунанд. Чунон ки аз равиши носибиён, ки бо кирдору гуфтори худ аҳли байтро меозоранд, эълони бароат мекунанд.

Ҳар он чизе, ки дар ин суханронии мухтасар зикр кардем аз эътиқоди дурусте аст, ки Аллоҳ Таъоло Паёмбараш Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)-ро ба он фиристодааст. Ва он ақидаи фирқаи ноҷия, (гурӯҳи наҷотёфта)-и аҳли суннат ва ҷамоат аст, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи онҳо чунин гуфтааст:

«لا تزال طائفة من أمتي على الحق منصورة لا يضرهم من خذلهم حتى يأتي أمر الله سبحانه»[5]

"Ҳамеша гурӯҳе аз уммати ман бар ҳақ ва пирӯз хоҳанд буд ва онон ки онҳоро тарк мекунанд ба онҳо осебе намерасонанд, то ин ки амри илоҳӣ

(қиёмат) фаро расад." (5)[1] Ва Паёмбар (Алайҳи-с-салоту ва-с-салом) мефармояд:

«افترقت اليهود على إحدى وسبعين فرقة، وافترقت النصارى على اثنتين وسبعين فرقة، وستفترق هذه الأمة على ثلاث وسبعين فرقة كلها في النار إلا واحدة فقال الصحابة: من هي يا رسول الله؟ قال: من كان على مثل ما أنا عليه وأصحابي»[6]

"Яҳуд ба ҳафтоду як фирқа тақсим шуданд ва насоро ба ҳафтоду ду фирқа тақсим гардиданд ва ин уммат ба ҳафтоду се фирқа тақсим мешавад, ба ҷуз як гурӯҳ аз онҳо, ҳамагӣ дар оташанд". Саҳоба пурсиданд: Чӣ касоне ҳастанд эй Расули Аллоҳ? Фармуданд: "Касе, ки бар роҳу равиши ман ва асҳобам бошад". (6)[2] Ва ин ҳамон эътиқоди дурусте аст, ки бояд ба он чанг зад ва бар он пойдорӣ варзид ва аз мухолифати он ҳазар намуд.

## Зикри касоне, ки аз ин эътиқоди дуруст мунҳариф шудаанд ва роҳи мухолифи онро пеш гирифтаанд.

Анвоъи онҳо

Аммо касоне, ки аз ин эътиқоди дуруст мунҳариф шудаанд ва роҳи мухолифи онро пеш гирифтаанд анвоъи зиёданд. Бархе аз онҳо парастандагони бутҳо, ҳайкалҳо, фариштаҳо,

[1] Ривояти Муслим, Ал-имора (1920), Тирмизӣ, Ал-фитан (2229), Абудовуд, Ал-фитан ва ал-малоҳим (4252), Ибн Моҷаҳ Ал-фитан (3952), Аҳмад (5/279).

[2] Ривояти Ибни Моҷаҳ, Ал-фитан (3992).

авлиё, ҷинҳо, дарахтҳо, сангҳо ва дигар чизҳо ҳастанд. Онҳо даъвати паёмбаронро напазируфтанд, балки хилофи онҳо амал карданд ва бо онҳо душманӣ карданд, Чунон ки Қурайш ва қабилаҳои дигари араб бо Паёмбарамон Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) чунин рафтор карданд. Аз маъбудҳои худ барои рафъи ниёзҳояшон ва шифои беморонашон ва пирӯзӣ бар душманонашонро талаб мекарданд. Ва барои онҳо қурбонӣ ва назр мекарданд. Пас ҳангоме ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ин амали онҳоро инкор кард ва онҳоро амр кард, ки ин амалҳоро танҳо ва холисона барои Аллоҳ анҷом диҳанд, ҳайрон шуданд ва ӯро инкор карда гуфтанд:

﴿أَجَعَلَ الْآلِهَةَ إِلَٰهًا وَاحِدًا ۖ إِنَّ هَٰذَا لَشَيْءٌ عُجَابٌ٥﴾

(Оё ба ҷойи маъбудони мухталиф маъбуде ягона қарор додааст? Воқеан, кори аҷибе аст 5) (Сураи Сод, ояти 5). Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) пайваста онҳоро ба сӯи Аллоҳ Таъоло даъват мекард ва аз ширк бимашон медод ва ҳақиқати он чиро, ки ба он дуъо мекарданд барояшон баён мекард, то ин ки Худованд баъзе аз онҳоро ҳидоят кард. Сипас гурӯҳ гурӯҳ ба дини Аллоҳ даромаданд ва дини Аллоҳ бо даъват ва ҷиҳоди пайвастаи Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва саҳобагонаш (разияллоҳу анҳум) ва пайравони неки онҳо бар

дигар динҳо ғолиб омад. Сипас шароит дигар шуд ва ҷаҳолат бар бештари махлуқот ғалаба кард, то ин ки аксари онон дубора ба дини ҷоҳилият баргаштанд ва дар мавриди анбиё ва авлиё зиёдаравӣ карданд ва онҳоро дуо карда, аз онҳо ёрӣ мехостанд ва бо ин амалҳояшон дар анвоъи мухталифи ширк воқеъ шуданд. Онҳо маънои "Ло илоҳа илло Аллоҳ"-ро чуноне ки кофирони араб медонистанд, намедонистанд. Аллоҳ мададрасон аст.

Ва ин ширк дар миёни мардум то замони мо ба сабаби густариши ҷаҳолат ва фосилаи тӯлонӣ аз даврони нубувват идома дорад.

Шубҳаи мутаахирон монанди ҳамон шубҳаи пешиниён бо зикри баъзе аз эътиқодоти куфромез аст.

Ва шубҳаи ин мутаахирон монанди ҳамон шубҳаи пешиниён аст, ки мегӯянд: Онҳо шафоаткунандагони мо дар назди Аллоҳ ҳастанд. Мо онҳоро барои он ибодат мекунем, ки моро ба Аллоҳ наздик кунанд. Худованд ин шубҳаро рад карда, ботил буданашро баён кардааст, ки ҳар ки ғайр аз Аллоҳ касеро ибодат кунад, ҳар касе набошад, дар ҳақиқат ба Ӯ ширк овардааст ва кофир шудааст. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَيَعْبُدُونَ مِنْ دُونِ اللَّهِ مَا لَا يَضُرُّهُمْ وَلَا يَنْفَعُهُمْ وَيَقُولُونَ هَؤُلَاءِ شُفَعَاؤُنَا عِنْدَ اللَّهِ﴾

(Ва [мушрикон] ба ҷойи Аллоҳ Таъоло чизҳоеро мепарастанд, ки на ба онон зиёне мерасонанд ва на судашон мебахшад ва мегӯянд: «Ин бутҳо [воситаҳо ва] шафоатгарони мо назди Аллоҳ Таъоло ҳастанд».) (Сураи Юнус, ояти 18). Худованд дар посух ба онҳо фармуд:

﴿قُلْ أَتُنَبِّئُونَ اللَّهَ بِمَا لَا يَعْلَمُ فِي السَّمَاوَاتِ وَلَا فِي الْأَرْضِ سُبْحَانَهُ وَتَعَالَى عَمَّا يُشْرِكُونَ﴾

([Эй паёмбар] Бигӯ: «Оё [ба гумони худ] Аллоҳ Таъолоро аз чизе [шарике] огоҳ месозед, ки дар осмонҳо ва замин [барояш қоилед ва худ] намедонад?» Ӯ муназзаҳ аст ва аз онче бо вай шарик месозанд, бартар аст.) (Сураи Юнус, ояти 18). Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло дар ин оят баён намудааст, ки парастиши ғайри Ӯ, чи паёмбарон ё авлиё ё ғайри онҳо ширки акбар аст. Ҳарчанд касоне, ки онро анҷом медиҳанд, онро дигар меноманд. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَالَّذِينَ اتَّخَذُوا مِنْ دُونِهِ أَوْلِيَاءَ مَا نَعْبُدُهُمْ إِلَّا لِيُقَرِّبُونَا إِلَى اللَّهِ زُلْفَى﴾

(ва афроде, ки ғайри Аллоҳро [дӯст ва] корсози худ интихоб кардаанд [пиндорашон ин аст, ки]: «Онҳоро фақат ба ин далел мепарастем, ки моро ба Аллоҳ Таъоло наздик гардонанд [ва манзалатамонро бештар кунанд]».) (Сураи Зумар, ояти 3). Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло дар посухи онҳо гуфт:

﴿إِنَّ اللَّهَ يَحْكُمُ بَيْنَهُمْ فِي مَا هُمْ فِيهِ يَخْتَلِفُونَ إِنَّ اللَّهَ لَا يَهْدِي مَنْ هُوَ كَاذِبٌ كَفَّارٌ﴾

(Аллоҳ Таъоло дар мавориди ихтилофашон миёни онон [ва муваҳҳидони ростин] доварӣ хоҳад кард. Бе тардид, Аллоҳ Таъоло касеро, ки дурӯғгӯи носипос бошад, ҳидоят нахоҳад кард.) (Сураи Зумар, ояти 3). Ҳамин тавр Аллоҳ Таъоло равшану ошкор баён мекунад, ки ибодат кардани ғайри Ӯ ба воситаи дуо, тарс, умед ва амсоли он, куфр варзидан ба Аллоҳ Таъоло аст. Ва дурӯғтарин суханонашон ин аст, ки мегӯянд, худоёнашон онҳоро ба Аллоҳ наздик мекунанд.

Аз ҷумлаи эътиқодоти куфромезе, ки мухолифи ақидаи дуруст ва мухолифи он чи, ки паёмбарон (Алайҳиму-с-салоту ва-с-салом) овардаанд, он чизе аст, ки атеистони ин давру замон, аз пайравони Марксу Ленин ва дигар даъватгарони атеистӣ ва куфрӣ, аст. Хоҳ онро сотсиализм номанд ё комунизм ё баъсӣ ё дигар ном. Зеро аз усули асосии атеистон ин аст, ки худое вуҷуд надорад ва ҳаёт материя аст. Инчунин аз усулҳои асосии онҳо инкори охират, биҳишту дӯзах ва кофир шудан ба ҳама динҳо аст. Ҳар кас, ки китобҳои онҳоро мутолиа кунад ва эътиқодоти онҳоро биомӯзад, инро ба яқинан дарк мекунад. Ҷои шакке нест, ки ин эътиқод мухолифи тамоми динҳои осмонӣ буда, пайравони онҳоро ба бадтарин оқибатҳо дар дунё ва охират мерасонад.

Аз ҷумлаи эътиқодоте, ки хилофи ҳақ аст, эътиқоди бархе аз ботиниён ва суфиҳо аст, бар

ин назаранд, ки баъзе онон, ки авлиё меноманд, дар тадбири умури олам бо Аллоҳ шарик ҳастанд ва дар умури ҷаҳон тасарруф мекунанд. Онҳоро "Қутбҳо", "Автод" ва "Ғавсҳо" ва диагр номҳое меноманд, ки худоёни худ ихтироъ кардаанд. Ин яке аз зишттарин ширк дар рубубият ва бадтар аз ширки даврони ҷоҳилияти арабҳо аст. Зеро кофирони араб дар рубубият ширк наварзиданд, балки дар ибодат ширк варзиданд ва ширки онон дар замони рафоҳият ва осиштагӣ буд. Аммо дар ҳолати сахтӣ ва душворӣ танҳо ва холисона Аллоҳро ибодат мекарданд. Чунон ки Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло фармудааст:

﴿فَإِذَا رَكِبُوا فِي الْفُلْكِ دَعَوُا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ فَلَمَّا نَجَّاهُمْ إِلَى الْبَرِّ إِذَا هُمْ يُشْرِكُونَ٦٥﴾

(Вақте [мушрикон] дар киштӣ савор мешаванд, Аллоҳро бо ихлос мехонанд, аммо чун ононро ба хушкӣ мерасонад ва [аз хатари ғарқ шудан] мераҳонад, он гоҳ [боз ҳам] ширк меварзанд.) (Сураи Анкабут, ояти 65). Аммо рубубиятро танҳо барои Аллоҳ эътироф доштанд. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَئِنْ سَأَلْتَهُمْ مَنْ خَلَقَهُمْ لَيَقُولُنَّ اللَّهُ﴾

(Агар аз мушрикон бипурсӣ, чи касе ононро офаридааст, мусалламан, мегӯянд: «Аллоҳ Таъоло». Пас, чи гуна [аз ҳақ] бар мегарданд?)

(Сураи Зухруф, ояти 87). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿قُلْ مَنْ يَرْزُقُكُمْ مِنَ السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ أَمَّنْ يَمْلِكُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ وَمَنْ يُخْرِجُ الْحَيَّ مِنَ الْمَيِّتِ وَيُخْرِجُ الْمَيِّتَ مِنَ الْحَيِّ وَمَنْ يُدَبِّرُ الْأَمْرَ فَسَيَقُولُونَ اللَّهُ فَقُلْ أَفَلَا تَتَّقُونَ ٣١﴾

([Эй паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Кист, ки аз осмону замин ба шумо рӯзӣ мебахшад? Ё кист, ки бар гӯшҳо ва дидагон ҳоким аст? Ва кист, ки [мавҷуди] зиндаро аз [моддаи] беҷон берун меоварад ва [моддаи] беҷони мурдаро аз [мавҷуди] зинда хориҷ месозад? Ва кист, ки кори [ҷаҳону ҷаҳониён]-ро тадбир мекунад»? Хоҳанд гуфт: «Аллоҳ Таъоло». Пас, бигӯ: «Оё парво намекунед»?) (Сураи Юнус, ояти 31). Ва дар ин маънӣ оятҳо зиёданд.

Он чи ки мушрикони имрӯзӣ бар мушрикони гузашта илова кардаанд

Мушрикони ин аср дар ду замина аз мушрикони қаблӣ бартарӣ доранд.

Якум: Баъзе аз онҳо дар тавҳиди рубубият ширк варзиданд.

Дуввум: Дар ҳарду ҳолат, рафоҳияту осоиштагӣ ва душворию сахтӣ ширк варзиданд. Ва ҳар касе бо онҳо омехта шуда ва аҳволи онҳоро омӯхтааст, инро хуб медонад ва шоҳиди корҳое шудааст, ки дар назди қабри Ҳусайн ва Бадавӣ ва ғайри онҳо дар Миср чи корҳо мекунанд. Ва назди қабри Айдарус дар Адан

(Яман) ва Ҳодӣ дар Яман ва Ибни Арабӣ дар Шом ва шайх Абдулқодири Гилонӣ дар Ироқ ва дигар қабрҳои машҳуре, ки оммаи мардум дар ҳаққи онҳо зиёдаравӣ карда ва бисёре аз ҳуқуқи Аллоҳро ба онҳо ихтисос доданд. Ва теъдоди каме аз мардум инро инкор мекунанд ва тавҳиди ҳақиқиро барояшон баён мекунанд. Тавҳидеро, ки Аллоҳ Таъоло ба он Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва пеш аз ӯ дигар паёмбарон (Алайҳиму-с-салоту ва-с-салом)-ро фиристодааст. Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун. Аз даргоҳи Худованди Мутаъол мехоҳем, ки онҳоро ба роҳи рост баргардонад ва дар миёни онҳо даъватгарони ҳидоятро бештар гардонад ва пешвоёну олимони мусалмононро тавфиқ диҳад, то бо ин ширк мубориза баранд ва онро бо ҳама сабабҳо ва василаҳояш аз байн бибаранд. Худованд шунаво ва наздик аст.

Аз ҷумлаи ақидаҳое, ки мухолиф ва зидди ақидаи дуруст дар асмо ва сифот аст, ин эътиқоди бидъаткорон, аз қабили Ҷаҳмия, Муътазила ва касоне аст, ки дар инкори номҳо ва сифатҳои Аллоҳ Таъоло ва инкор кардани сифатҳои камол ва васфи Аллоҳ Аазза ва Ҷалла бо сифатҳои маъдумот, ҷимодот ва мустаҳилот аз онҳо пайравӣ мекунанд, ки Аллоҳ Таъоло аз он чи мегӯянд, муназзаҳ ва беҳтару болотар аст. Ва касоне, ки баъзе аз сифатҳоро инкор ва баъзеи онро исбот мекунанд, монанди

Ашъариҳо, ки чунин ҳастанд. Зеро дар сифатҳое, ки исбот кардаанд, ҳамон чизе бар онҳо лозим мешавад, ки аз он дар сифатҳои инкоршуда фирор карда ва далелҳои онро таъвил кардаанд. Ҳамин тавр онҳо дар ин замина мухолифи далелҳои нақлӣ ва ақлӣ амал карда, дучори таноқузи ошкоре гардиданд. Аҳли суннат ва ҷамоат барои Аллоҳ Таъоло ҳамон номҳо ва сифатҳоеро раво медонанд, ки Аллоҳ Таъоло барои Худаш онро раво донистааст, ё Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ному сифатҳоеро, ки ба ваҷҳи камол барои Худованд собит сохтааст. Аҳли суннат Ӯро аз ҳар гуна шабоҳат ва монандӣ ба махлуқоташ пок ва муназзаҳ сохтаанд. Танзиҳе, ки аз ҳар гуна осори инкор ва таътил дур аст. Пас, бо ҳама далелҳо амал карданд ва чизе аз онро таҳриф ва таъвил накарданд ва ҳамин гуна аз таноқузот ва зиддиятҳо, ки дигарон ба он дучор шуданд, дар амон монданд - тавре ки қаблан шарҳ дода шуд. Ин роҳи наҷот ва саодатмандӣ дар дунё ва охират аст. Ва ин роҳи росте аст, ки гузаштагони ин уммат ва имомонаш аз он пайравӣ кардаанд. Охирини ин уммат бо ҳамон чизе, ки гузаштагони солеҳашон пайравӣ кардаанд, яъне пайравӣ аз Қуръон ва Суннат ва тарки он чи хилофи онҳо аст, солеҳ мешавад.

## Вуҷуби ибодати Аллоҳ ба танҳоӣ ва баёни сабабҳои пирӯзӣ бар душманони Аллоҳ.

Муҳимтарин воҷиб ва бузургтарин фарз бар шахси мукаллаф ин аст, ки Парвардигори худро ибодат кунад. Парвардигори осмонҳо ва замин ва Парвардигори Арши бузург, ки дар китоби шарифаш мефармояд:

﴿إِنَّ رَبَّكُمُ اللَّهُ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ يُغْشِي اللَّيْلَ النَّهَارَ يَطْلُبُهُ حَثِيثًا وَالشَّمْسَ وَالْقَمَرَ وَالنُّجُومَ مُسَخَّرَاتٍ بِأَمْرِهِ أَلَا لَهُ الْخَلْقُ وَالْأَمْرُ تَبَارَكَ اللَّهُ رَبُّ الْعَالَمِينَ٥٤﴾

([Эй мардум] Бе гумон, Парвардигори шумо Аллоҳ Таъоло аст, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш қарор гирифт. [Торикии] Шабро бо [рӯшноии] рӯз мепӯшонад, ки [ҳаряки] он [дигаре]-ро шитобон меҷӯяд ва хуршеду моҳ ва ситорагонро [падид овард], ки [ҳамагӣ] ба фармони Ӯ ба хидмат [-и инсон] гумошта шудаанд. Огоҳ бошед! Офариниш ва фармонравоӣ аз они Ӯст. Пурбаракат [-у бузург] аст Аллоҳ Таъолое, ки Парвардигори ҷаҳониён аст.) (Сураи Аъроф, ояти 54). Ва Худованд дар ҷои дигар дар китобаш фармудааст, ки инсонҳо ва ҷинҳоро барои ибодаташ офаридааст. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنْسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ٥٦﴾

(Ва ҷинну инсро фақат барои ин офаридам, ки Манро ибодат кунанд [ва аз бандагии

дигарон сар боз зананд].) (Сураи Зориёт, ояти 56). Ибодате, ки Аллоҳ Таъоло инсу ҷинро барои он офаридааст, ин аст, ки бо ибодатҳои гуногун, аз ҷумла намоз, рӯза, закот, ҳаҷ, рукуъ, саҷда, тавоф, забҳ, назр, хавф, умед, ёрӣ, мадад, паноҳҷӯӣ ва ҳама навъҳои дуо, ки дар ибодат дохил аст, танҳо Ӯро бипарастанд. Ба ин низ итоат аз Аллоҳ Таъоло дар ҳама амрҳояш ва дури ҷустан аз ҳама наҳйиҳои Ӯ, ки дар Қуръони Карим ва суннати Паёмбари аминаш (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) омадааст, дохил мешавад. Худованд Субҳонаҳу ва Таъоло ҳамаи инсонҳо ва ҷиниёнро ба ин ибодате, ки онҳоро барои он офаридааст, амр намуд. Паёмбаронро фиристод ва китобҳоро нозил кард, то ин ибодатро барояшон ба таври муфассал баён намоянд ва ба он даъват кунанд ва амр кунанд, ки он ибодатро холисона барои Худованди ягона анҷом диҳанд. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿يَا أَيُّهَا النَّاسُ اعْبُدُوا رَبَّكُمُ الَّذِي خَلَقَكُمْ وَالَّذِينَ مِنْ قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ ٢١﴾

(Эй мардум, Парвардигори худро парастиш кунед; он касе, ки шумо ва пешиниёни шуморо офарид. Бошад, ки парҳезгор шавед.) (Сураи Бақара, ояти 21). Дар ояти дигар Худованд мефармояд:

﴿وَقَضَى رَبُّكَ أَلَّا تَعْبُدُوا إِلَّا إِيَّاهُ وَبِالْوَالِدَيْنِ إِحْسَانًا﴾

(Ва Парвардигорат чунин фармон додааст, ки: Ҷуз Ӯро напарастед ва ба падару модар некӣ кунед.) (Сураи Исро, ояти 23). Ва маънои "қазо" дар ин оят "фармон ва тавсия" аст. Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَمَا أُمِرُوا إِلَّا لِيَعْبُدُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ حُنَفَاءَ وَيُقِيمُوا الصَّلَاةَ وَيُؤْتُوا الزَّكَاةَ وَذَٰلِكَ دِينُ الْقَيِّمَةِ٥﴾

(Ва эшон фармон наёфтанд, ҷуз ин ки Аллоҳро бипарастанд, дар ҳоле ки дини худро барои ӯ холис гардонанд [ва аз ширку бутпарастӣ] ба тавҳид рӯ оваранд; ва намоз барпо доранд ва закот бипардозанд; ва ин аст оини ростин ва мустақим.) (Сураи Байина, ояти 5). Ва оятҳо ба ин маъно дар Қуръони Карим зиёд аст, Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَمَا آتَاكُمُ الرَّسُولُ فَخُذُوهُ وَمَا نَهَاكُمْ عَنْهُ فَانْتَهُوا وَاتَّقُوا اللَّهَ إِنَّ اللَّهَ شَدِيدُ الْعِقَابِ﴾

(ва он чи ки расулуллоҳ ба шумо дод, бигиред ва аз он чи ки шуморо аз он наҳй кард, даст бардоред ва аз Аллоҳ Таъоло парво кунед, ки Аллоҳ Таъоло сахткайфар аст.) (Сураи Ҳашр, ояти 7). Ва Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا أَطِيعُوا اللَّهَ وَأَطِيعُوا الرَّسُولَ وَأُولِي الْأَمْرِ مِنْكُمْ فَإِنْ تَنَازَعْتُمْ فِي شَيْءٍ فَرُدُّوهُ إِلَى اللَّهِ وَالرَّسُولِ إِنْ كُنْتُمْ تُؤْمِنُونَ بِاللَّهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ ذَٰلِكَ خَيْرٌ وَأَحْسَنُ تَأْوِيلًا٥٩﴾

(Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ Таъоло ва паёмбар ва коргузорон [-у

фармондеҳони мусулмони худ] итоат кунед ва агар дар чизе ихтилоф кардед, онро ба [Китоби] Аллоҳ Таъоло ва [Суннати] паёмбар бозгардонед. Агар ба Аллоҳ Таъоло ва рӯзи қиёмат имон доред, [яқин дошта бошед, ки] ин [бозгашт ва Қуръону Суннат бароятон] беҳтар ва хушфарҷомтар аст.) (Сураи Нисо, ояти 59). Ва Аллоҳ Азза ва Ҷалла мефармояд:

﴿مَنْ يُطِعِ الرَّسُولَ فَقَدْ أَطَاعَ اللَّهَ﴾

(Ҳар ки аз паёмбар итоат кунад, дар хақиқат, аз Аллоҳ Таъоло итоат кардааст.) (Сураи Нисо, ояти 80).

Ва низ дар ҷои дигар мефармояд:

﴿وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَسُولًا أَنِ اعْبُدُوا اللَّهَ وَاجْتَنِبُوا الطَّاغُوتَ﴾

(Яқинан, Мо дар ҳар уммате паёмбареро [бо ин паём] барангехтем, ки: «Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут [маъбудони ғайри Аллоҳ Таъоло] дурӣ кунед».) (Сураи Наҳл, ояти 36). Дар ояти дигар омадааст:

﴿وَمَا أَرْسَلْنَا مِنْ قَبْلِكَ مِنْ رَسُولٍ إِلَّا نُوحِي إِلَيْهِ أَنَّهُ لَا إِلَٰهَ إِلَّا أَنَا فَاعْبُدُونِ٢٥﴾

(Ва Мо пеш аз ту ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳӣ кардем, ки [ба мардум бигӯяд]: «Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ман нест, пас, танҳо Маро бипарастед».) (Сураи Анбиё, ояти 25). Худованд мефармояд:

﴿الر كِتَابٌ أُحْكِمَتْ آيَاتُهُ ثُمَّ فُصِّلَتْ مِنْ لَدُنْ حَكِيمٍ خَبِيرٍ ١ أَلَّا تَعْبُدُوا إِلَّا اللَّهَ إِنَّنِي لَكُمْ مِنْهُ نَذِيرٌ وَبَشِيرٌ ٢﴾

(Алиф, лом, ро. Ин [Қуръон] китобест, ки оёти он истеҳком ёфтааст ва сипас аз ҷониби ҳакими огоҳ ба равшанӣ баён шудааст 1

[Паёми Паёмбар ин аст] Ки ҷуз Аллоҳро напарастед, [ки] бе тардид, ман аз сӯйи Ӯ бароятон бимдиҳанда ва башоратгар ҳастам 2.) (Сураи Ҳуд, оятҳои 1-2).

Ин оятҳои муҳкам ва қатъӣ ва дигар оятҳое, ки дар Қуръони Карим ба ин маъно омадааст, ҳама ба зарурати ихлос дар ибодат танҳо барои Худованд далолат доранд ва ин ки ихлос дар ибодат пояи дин ва асоси уммат аст. Чунон ки ҳикмат аз офариниши инсу ҷин ва фиристодани паёмбарон ва нозил кардани китобҳо ҳам далолат бар ин мекунад. Бинобар ин, бар ҳамаи мукаллафон воҷиб аст, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ кунанд ва онро биомӯзанд ва дарк кунанд ва аз иштибоҳоте, ки бисёре аз мусалмонон (-и камсавод) муртакиб шуданд, аз қабили зиёдаравӣ дар ҳаққи паёмбарон ва солеҳон, бар сари қабрҳо бино кардани гунбадҳо ва масҷид сохтани қабрҳо, ёрӣ ва кумак хостан аз онҳо ва рӯй овардан ба онҳо барои рафъи ҳоҷат ва ниёзҳо ва шифои беморон ва талаби пирӯзӣ бар душманон аз онҳо ва дигар амалҳое, ки аз ҷумлаи ширки акбар ҳастанд, бипарҳезанд. Аз Паёмбари Аллоҳ (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ривояти саҳеҳ вуҷуд дорад, ки бо он чи дар китоби Аллоҳ

Таъоло ишора шудааст, мувофиқат мекунад. Дар Саҳеҳайн аз Муъоз (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«أتدري ما حق الله على العباد وحق العباد على الله؟ فقال معاذ: قلت الله ورسوله أعلم، فقال النبي –صلى الله عليه وسلم- حق الله على العباد أن يعبدوه ولا يشركوا به شيئا، وحق العباد على الله أن لا يعذب من لا يشرك به شيئا»[7] الحديث.

"Эй Муъоз оё медонӣ ҳаққи Худованд бар бандагонаш ва ҳаққи бандагонаш бар Худованд чист? Гуфтам: Худованд ва Паёмбараш хубтар медонанд. Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Ҳаққи Худованд бар бандагонаш он аст, ки Ӯро ибодат кунанд ва чизеро шарики Ӯ қарор надиҳанд ва ҳаққи бандагон бар Худованд он аст, ки Ӯ Таъоло онҳоро дар ҳоле, ки ба Ӯ Таъоло шарик қоил нашудаанд, азоб надиҳад". (7) ҳадис.[1] Ва дар Саҳеҳ Бухорӣ аз Ибни Масъуд (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«من مات وهو يدعو لله ندا دخل النار»[8]

"Ҳар кас дар ҳоле бимирад, ки барои Аллоҳ ҳамтое гирифта аст, ба ҷаҳаннам дохил мешавад". (8)[2] Ва Муслим дар саҳеҳаш аз Ҷобир

---

[1] Ривояти Бухорӣ дар Ал-Истиъзон (5912), Муслим, Ал-Имон (30), Тирмизӣ Ал-Имон (2643), Ибни Моҷаҳ, Аз-зуҳд (4296), Аҳмад (5/238).

[2] Ривояти Бухорӣ, Тафсири Қуръон (4227), Муслим, Ал-Имон (92), Аҳмад (1/374).

(разияллоҳу анҳу) ривоят кардааст, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармудааст:

[9]«من لقي الله لا يشرك به شيئا دخل الجنة ومن لقيه يشرك به شيئا دخل النار»

"Ҳар ки дар ҳоле ба дидори Аллоҳ биравад, ки чизеро ба Ӯ шарик наёварда бошад, ба биҳишт ворид мешавад ва ҳар ки дар ҳоле ба дидори Аллоҳ биравад, ки ба Ӯ ширк оварда бошад, ба дӯзах ворид мешавад". (9)[1] Дар ин бора ҳадисҳои зиёде ворид шудааст ва ин масъала яке аз бузургтарин ва муҳимтарин масъалаҳо аст. Худованд паёмбараш Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)-ро бо даъват ба тавҳид ва наҳйи аз шикр фиристод. Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) бо беҳтарин ваҷҳ даъватро таблиғ намуд ва аз барои Худо таъқиб ва азият шуд ва сабр кард. Инчунин ёронаш (разияллоҳу анҳум) бар таблиғи даъват ва озори мушрикон сабр карданд, то ин ки Худованд аз нимҷазираи Араб ҳама бутҳо ва муҷассамаҳоро нобуд кард. Мардум гурӯҳ-гурӯҳ ба дини Ислом дохил шуданд. Бутҳои гирду атроф ва даруни Каъба шикаста нобуд карда шуданд. Лот, Уззо ва Манот (бутҳои машҳури араб) хароб карда шуда, ҳама бутҳои қабилаҳои араб шикаста нобуд карда шуданд. Каломи Худованд баланд бардошта шуд ва Ислом дар нимҷазираи Араб пирӯз гашт. Сипас мусалмонон барои даъват ва

[1] Ривояти Бухорӣ Ал-илм (129), Муслим Ал-имон (32), Аҳмад (3/157).

ҷиҳоди худ берун аз нимҷазираи Араб раҳсипор шуданд. Худованд ба воситаи онҳо бандагонеаш, ки саодату хушбахтӣ насибашон буд, ҳидоят кард ва ба василаи онҳо ҳақ ва адолатро дар аксари гӯшаву канори дунё паҳн кард. Ҳамин тавр онҳо пешвоёни ҳақ ва ҳомиёни адолат ва ислоҳот шуданд. Ва тобеъин ва пайравони неки онҳо ба дунболи онҳо, аз пешвоёни ҳидоят ва даъватгарони ҳақ пайравӣ намуда, роҳи ононро идома доданд, дини Худоро таблиғ намуда, мардумро ба сӯи ягонагии Худо даъват мекарданд ва дар роҳи Худо бо ҷону моли худ ҷиҳод мекарданд ва аз сарзанишу маломати касе дар роҳи Худо наметарсиданд. Худованд онҳоро ёрӣ дод ва бар мухолифонашон пирӯз гардонид ва ваъдае, ки ба онҳо дода буд, муҳаққақ сохт. Чунон ки фармудааст:

﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِنْ تَنْصُرُوا اللَّهَ يَنْصُرْكُمْ وَيُثَبِّتْ أَقْدَامَكُمْ٧﴾

(Эй касоне, ки имон овардаед, агар [дину Паёмбари] Аллоҳро ёрӣ кунед, ӯ низ шуморо ёрӣ мекунад ва гомҳоятонро [собиту] устувор медорад.) (Сураи Муҳаммад, ояти 7). Ва низ мефармояд:

﴿وَلَيَنْصُرَنَّ اللَّهُ مَنْ يَنْصُرُهُ ۚ إِنَّ اللَّهَ لَقَوِيٌّ عَزِيزٌ ٤٠ الَّذِينَ إِنْ مَكَّنَّاهُمْ فِي الْأَرْضِ
أَقَامُوا الصَّلَاةَ وَآتَوُا الزَّكَاةَ وَأَمَرُوا بِالْمَعْرُوفِ وَنَهَوْا عَنِ الْمُنْكَرِ ۗ وَلِلَّهِ عَاقِبَةُ
الْأُمُورِ ٤١﴾

(Ва Аллоҳ Таъоло касеро, ки [дини] Ӯро ёрӣ диҳад, яқинан, ёрӣ мекунад. Бе тардид, Аллоҳ Таъоло қудратманди шикастнопазир аст. 40)

([Ҳамон] Касоне, ки ҳар гоҳ дар замин ба онон қудрат [ва ҳукумат] бибахшем, намоз барпо медоранд ва закот мепардозанд ва [мардумро] ба некӣ фармон медиҳанд ва аз нописанд бозмедоранд. Ва саранҷоми корҳо аз они Аллоҳ Таъоло аст. 41) (Сураи Ҳаҷ, оятҳои 40-41). Сипас мардум тағйир ёфтанд ва пароканда шуданд. Дар бораи ҷиҳод саҳлангорӣ карданд ва роҳату пайравӣ аз хоҳишоти нафсро афзалтар донистанд. Корҳои баду зишт дар миёнашон бештар шуд, магар онон, ки Худованд дар паноҳаш нигоҳ дошт. Пас, Худованд ҳолати онҳоро тағйир дод ва ба хотири кирдори бадашон душманашонро бар онҳо мусаллат сохт. Ва Парвардигорат бар бандагонаш ситам намекунад. Худованди Мутаъол мефармояд:

﴿ذَلِكَ بِأَنَّ اللَّهَ لَمْ يَكُ مُغَيِّرًا نِعْمَةً أَنْعَمَهَا عَلَى قَوْمٍ حَتَّى يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ﴾

(Ин [кайфари сахт] аз он рӯст, ки Аллоҳ Таъоло ҳаргиз бар он набудааст, ки неъматеро, ки бар мардуме арзонӣ доштааст, дигаргун кунад, магар онки онон [рафтори муваҳҳидонаи] худро тағйир диҳанд [ва куфру носипосӣ биварзанд].) (Сураи Анфол, ояти 53). Бинобар ин, бар ҳамаи мусалмонон -ҳукуматҳо

ва мардумон - воҷиб аст, ки ба сӯи Худованди Мутаъол бозгарданд, танҳо Ӯро холисона бипарастанд ва аз гуноҳон ва камбудиҳои гузаштаашон тавба кунанд. Ва ба анҷом додани фаризаҳое, ки Худованд бар онҳо фармудааст, шитоб кунанд ва аз корҳои ҳаром дурӣ ҷӯянд ва дар ин замина ҳамдигарро ташвиқ намуда, ҳамкорӣ кунанд.

Ва аз муҳимтарин масъалаҳое, ки бояд ба он таваҷҷуҳ шавад, барпо доштани ҳудуди шариат ва довар қарор додани қонуни шариат дар байни мардум аст. Ва бояд бар асоси қонунҳои шариат доварӣ карда, қонунҳои вазъӣ ва мухолифи шариат канор гузошта шавад ва ҳамаро мулзам ба татбиқи шариат гардонанд. Ҳамчунин бар олимон воҷиб аст, ки динро барои мардум биомӯзонанд ва раванди бедории исломиро дар миёни онон густариш диҳанд ва якдигарро ба ҳақ ва сабр ташвиқ кунанд, амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар намоянд ва ҳокимонро ба он ташвиқ кунанд. Инчунин бояд ба муқобили принсипҳои харобиовар, монанди сосиализм, баъсигарӣ, қавмигарӣ, миллатгароӣ ва дигар принсипҳо ва таълимоти мазҳабҳои мухолифи шариат, мубориза бурд. Дар ин ҳолат Худованд ончиро ки барои мусалмонон фосид шудааст, ислоҳ мекунад ва гумроҳонро ба роҳи рост бармегардонад ва иззту шарафи аз даст рафтаашонро бармегардонад ва бар

душманонашон пирӯз мегардонад ва ононро дар рӯи замин қудрат медиҳад. Чунон ки Аллоҳ Таъоло, ки ростгутарини суханварон аст, мефармояд:

﴿وَكَانَ حَقًّا عَلَيْنَا نَصْرُ الْمُؤْمِنِينَ﴾

(ва ёрӣ додани [муъминон [ҳаққе] бар уҳдаи Мо буд.) (Сураи Рум, ояти 47). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَعَدَ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا مِنْكُمْ وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ لَيَسْتَخْلِفَنَّهُمْ فِي الْأَرْضِ كَمَا اسْتَخْلَفَ الَّذِينَ مِنْ قَبْلِهِمْ وَلَيُمَكِّنَنَّ لَهُمْ دِينَهُمُ الَّذِي ارْتَضَى لَهُمْ وَلَيُبَدِّلَنَّهُمْ مِنْ بَعْدِ خَوْفِهِمْ أَمْنًا يَعْبُدُونَنِي لَا يُشْرِكُونَ بِي شَيْئًا وَمَنْ كَفَرَ بَعْدَ ذَلِكَ فَأُولَئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ٥٥﴾

(Аллоҳ Таъоло ба афроде аз шумо, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, ваъда додааст, ки ҳатман, ононро дар замин ҷонишин [-и мушрикон] месозад. Ҳамон гуна ки касонеро, ки пеш аз онон буданд, [низ] ҷонишин [-и кофирону ситамгарон] намуд ва [фармудааст] динашонро, ки барои онон писандидааст, барояшон устувор [-у пирӯзманд] созад ва тарсашонро ба оромишу амният табдил кунад [чаро ки] танҳо Маро мепарастанд ва чизеро бо Ман шарик намесозанд ва ҳар ки аз ин пас куфр биварзад, пас, инонанд, ки нофармонанд.) (Сураи Нур, ояти 55). Ва Аллоҳ Субҳонаҳу мефармояд:

﴿إِنَّا لَنَنْصُرُ رُسُلَنَا وَالَّذِينَ آمَنُوا فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَيَوْمَ يَقُومُ الْأَشْهَادُ٥١﴾

(Бе гумон, Мо паёмбарони худ ва аҳли имонро дар зиндагии дунё ва рӯзе, ки гувоҳон [ба шаҳодат] бармехезанд, ёрӣ мекунем.) (Сураи Ғофир, ояти 51).

﴿يَوْمَ لَا يَنْفَعُ الظَّالِمِينَ مَعْذِرَتُهُمْ وَلَهُمُ اللَّعْنَةُ وَلَهُمْ سُوءُ الدَّارِ ٥٢﴾

(Рӯзе, ки узрхоҳии ситамгарон суде ба ҳолашон нахоҳад дошт. Онон аз раҳмати илоҳӣ ба дуранд ва душвории азоби охиратро [дар пеш] доранд.) (Сураи Ғофир, ояти 52).

Аз Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло мехоҳем, мусалмонон ва роҳбарони онҳоро ислоҳ намуда, фаҳми динро барояшон иноят фармояд ва онҳоро бар тақво муттаҳид гардонад ва ҳамаи онҳоро ба роҳи рост ҳидоят кунад ва ҳақро ба василаи онон пирӯз ва ботилро мағлуб гардонад ва ҳамаро тавфиқ диҳад, ки дар некукорӣ ва перҳезгорӣ ҳамдигарро кумак кунанд. Ҳамоно Худованд бар ин кор нигаҳбон ва қодир аст. Ва дуруду саломи Аллоҳ Таъоло бар банда ва паёмбараш ва беҳтарини махлуқоташ, паёмбари мо ва имоми мо ва сайиди мо Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ва бар хонадону саҳобагон ва пайравонаш бод. Ва-с-салому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу.

# Феҳраст

Ақидаи дуруст ва мухолифи он .......... 2
Муқаддима .......... 2
Имон ба Аллоҳ Таъоло .......... 6
Имон ба фариштагон .......... 18
Имон ба китобҳо .......... 19
Имон ба паёмбарон .......... 22
Имон ба рӯзи қиёмат .......... 23
Имон ба тақдир .......... 24
Имон қавл ва амал аст, ки бо тоат зиёд ва бо маъсият кам мешавад. .......... 27
Муҳаббат ва буғзу бадбинӣ ба хотири Аллоҳ ва дӯстиву душманӣ низ ба хотири Аллоҳ. .......... 27
Зикри касоне, ки аз ин эътиқоди дуруст мунҳариф шудаанд ва роҳи мухолифи онро пеш гирифтаанд. .......... 30
Вуҷуби ибодати Аллоҳ ба танҳоӣ ва баёни сабабҳои пирӯзӣ бар душманони Аллоҳ. .......... 39

tg152v1.0 - 03/09/2026